Лоиҳа

# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚАРОР

Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикитон аз 08 феврали соли 2017, № 58

010.180.020

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

Ба Регламенти техникии «Маҳсулоти тамоку», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 феврали соли 2018, № 58 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад:

- Дар банди 6 сархати якум бо тариқи зайл ифода карда шавад:

«маҳсулоти тамоку - маҳсулоте, ки барои кашидан, хоидан, макидан, таги забон мондан ё бӯй кашидан пурра ва ё қисман аз баргҳои тамоку тайёр карда мешавад, аз ҷумла сигаретаҳо бо дудполо (филтр), сигаретаҳо бе дудполо (бе филтр), папирос, сигор, сигарила, тамокуи кашиданӣ, ҳама намуди тамокуи ғайрикашиданӣ, чилим, инчунин сигори электронӣ, чилими электронӣ ва ҳама намуди воситаҳои электронии таъминкунандаи никотин»;

Дар банди 6 сархатҳои нав бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

- никотин - моддаи таркиби тамоку (алкалоиди дар таркиби растаниҳои оилаи «Никотиана» мавҷудбуда), ки боиси гирифтор шудани шахс ба бемориҳои гуногун, аз ҷумла сактаи дил, сактаи майна ва саратон мегардад;

-чилим – асбобе, ки аз қисмҳои пайвастшавандаи асосӣ: сархона, муштук, ва зарф иборат буда, барои тамокукашӣ ва истифодаи омехтаҳои гуногуни кашидании дар таркибашон барги тамокунадошта истифода мешавад;

- сигори электронӣ – намуди воситаи электронии таъмини никотин, ки ба сигори ҳақиқӣ монанд аст (новобаста ба андоза ва шакл), он метавонад дорои қисми барҷаста ба полои сигор монанд ва ҳаври ба дуд шабоҳат дошта бошад;

-борпечи истеъмолӣ - борпечи барои фурӯш пешбинигардидаи маҳсулоти тамоку, аз ҷумла қуттӣ ва блок ё борпечи аввалияи маҳсулот, ки ба истеъмолкунандаи охирон фурӯхта мешавад;

- тамоку - растании буттагӣ, ки таркибаш никотин ва моддаҳои дигари ба саломатии инсон зараровар дошта, бо мақсади гирифтани ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулоти тамоку коркард мешавад;

Дар банди 10 сархати нав бо тариқи зайл илова карда шавад.

- Истеҳсол, воридот, содирот, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамокуе, ки миқдори моддаҳои зараровар дар онҳо аз меъёрҳои гигиении тасдиқшудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ зиёданд, манъ аст.

Банди 12 дар таҳрири зайл ифода карда шуда, замимаи 1 регламенти техникии «Маҳсулоти тамоку» хориҷ карда шавад.

- Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти тамоку ба сифати ҷузъи таркибӣ (ингредиент) истифода бурдани моддаҳо мувофиқи номгӯе, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад, иҷозат дода намешавад.

Банди 22 дар таҳрири зайл ифода карда шавад.

Маълумоти дар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку, аз ҷумла чилим ва нос дарҷгардида, набояд истилоҳот, тавсифҳо, нишонаҳо, рамзҳо ва дигар аломатҳоро, ки бавосита ё бевосита оид ба камзарар будани маҳсулоти тамоку нисбат ба дигар маҳсулоти тамоку таассуроти бардурӯғ ба вуҷуд меорад, дар бар гирад. Маълумоти зикргардида бояд чунин калимаҳо ё ибораҳоро, ба мисли «дорои миқдори ками қатрон», «сабук», «хеле сабук», «камтаъсир», «экстра», «ултра», ҳамчунин калимаҳо, нишонаҳо ва рамзҳое, ки маҳсулоти тамокуро бо маҳсулоти хӯрокворӣ (иловагиҳои ғизоӣ) шабоҳат медиҳанд ё бавосита ё бевосита вобаста ба таъми маҳсулоти хӯроквориро (иловагиҳои ғизоӣ) доштани маҳсулоти тамоку таассуроти бардурӯғ ба вуҷуд меоранд, дар бар нагирад. Маълумоте, ки дар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку дарҷ гардидааст, набояд дорои акси маҳсулоти хӯрокворӣ, доруворӣ, гиёҳҳои шифобахш, инчунин калимаҳо ё ибораҳое бошад, ки бавосита ё бевосита маҳсулоти тамокуро бо маҳсулоти хӯрокворӣ, доруворӣ ё гиёҳҳои шифобахш шабоҳат медиҳанд.

Банди 24 хориҷ карда шавад.

Банди 30 дар таҳрири зайл ифода карда шавад.

Дар ҳар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку маълумоти асосӣ ва иловагӣ оид ба зарари истифодаи маҳсулоти тамоку дар шакли матн ва акс гузошта мешавад. Ангораи аксҳо ва матни маълумоти асосии огоҳикунанда оид ба зарари маҳсулоти тамоку ва мазмуни матни огоҳкунандаи иловагӣ оид ба зарари тамоку аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ карда мешавад.

Банди 31 хориҷ карда шавад.

Банди 32 дар таҳрири зайл ифода карда шавад.

Ҳар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку бояд маълумоти огоҳкунандаи асосиро оид ба зарари истифодаи он, ки талаботи зерин ҷавобгӯ аст, дошта бошад:

- аз матн ва акс таркиб ёфта бошад;
- дар қисмати болоии зиёдтари рӯи борпечи истеъмолӣ, дар ҳар ду тарафи он ва на кам аз 75 фоизи сатхи умумии ҳар як тараф ҷойгир бошад;
- матн дар қисми поёнии тарафи пеш бо забони давлатӣ ва дар қисми поёнии тарафи муқобил бо забонҳои дигар дарҷ карда мешавад.

Банди 34 дар таҳрири зайл ифода карда шавад.

Маълумоти иловагии огоҳкунанда дорои матн оид ба мавҷуд будани ингредиентҳо, пайвастагии заҳрҳо, моддаҳои кансерогенӣ мебошад ва дар паҳлӯи борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку бо ранги аз навиштаҷоти борпечи истеъмолӣ равшантар дарҷ гардида, на камтар аз 17 фоизи сатҳи паҳлуии борпечи истеъмолии маҳсулоти тамокуро ишғол менамояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон